# Луғат

**Баал-Забул** – Яке аз номҳои шайтон, ки душмани Худованд ва сардори девҳо шумурда мешавад.

**Вакил** – Шахсе, ки ҳамчун намоянда бо хабари махсус фиристода шудааст. Ин унвон ба дувоздаҳ шогирдони Исо дода шуда буд.

**Ёқуб** – Набераи Иброҳим ва писари Исҳоқ аст. Аз дувоздаҳ писарони Ёқуб қабилаҳои халқи Исроил ба вуҷуд омадаанд.

**Қурбонгоҳ** – Қурбонгоҳи яҳудиён дар Хонаи Худо дар шаҳри Ерусалим воқеъ буд.

**Левизодагон** – Мардоне, ки аз тоифаи Левӣ буданд, дар Хонаи Худо хизмат мекарданд, бинобар ин бояд худро пок нигоҳ медоштанд. Яке аз чизҳое, ки онҳоро нопок карда метавонист ба ҷасад даст задан буд.

**Навиштаҷот** – Маҷмӯи китобҳои халқи Исроил аст, ки ба ҷумлаи онҳо шариати Мӯсо, гуфтаҳои пайғамбарон ва таронаи Забур дохил мешаванд.

**Нинве** – Номи шаҳре дар замонҳои Аҳди Қадим буд, ки аз барои бадкориашон Худо ба назди аҳолии он, ки ғайрияҳудӣ буданд, Юнус пайғамбарро равона кард, то ҳукми Худоро дар бораи нобуд кардани ин шаҳр барояшон эълон кунад. Аммо тамоми шаҳр аз корҳои худ пушаймон шуда, тавба карданд ва Худо онҳоро нобуд накард.

**Рӯҳониён** – Гурӯҳи хизматгороне, ки дар Хонаи Худо вазифаҳои диниро иҷро мекарданд ва вазифаи асосии онҳо расму анъанаи қурбонӣ карданро ба ҷо овардан буд. Рӯҳониён ба 12 гурӯҳ тақсим шуда ба навбат хизмат мекарданд. Мардум онҳоро эҳтиром мекарданд.

**Саддуқиён** – Яке аз ҳизбҳои динии яҳудӣ буд, ки бар асоси таълимоташон фақат панҷ китоби Мӯсоро аз тамоми Навиштаҷот гирифта буданд.

**Садӯм ва Амӯро** – Номи шаҳрҳое буд, ки дар замони Иброҳим пайғамбар Худо онҳоро аз барои фисқу фасоди зиёдашон нобуд кард.

**Салиб** – Дори махсусе дар империяи Рум буд, ки аз ду чӯби дарози болои ҳам гузошташуда сохта мешуд ва дар пеши назари тамоми халқ ҷинояткорон ба он салиб мехкӯб мешуданд.

**Сомариён** – Миллате, ки дар ҳамсоягии яҳудиён воқеъ буданд, вале яҳудиён бо онҳо на рафту омад мекарданд ва на ҳамнишину ҳамгап мешуданд, чун онҳоро аз роҳи рости Худо баромада ҳисоб мекарданд.

**Таъиншудаи Худо** – Дар тӯли асрҳои зиёд пайғамбарон пешгӯӣ карда мегуфтанд, ки рӯзе Худо Шахсеро ҳамчун Шоҳ ва Наҷотдиҳандаи халқи Исроил мефиристад, то ки онҳоро аз дасти душманонашон халос кунад. Ба ин шахс унвони Таъиншудаи Худоро дода буданд. Дар замони Исо халқи Исроил интизори он буд, ки Худо Таъиншудаи худро барои он мефиристад, ки онҳоро аз зулму ситами истилогарони Румӣ озод карда, подшоҳии сулҳи абадиро пойдор намояд. Дар забони ибрӣ ин унвон бо калимаи «Масеҳ» ифода шудааст.

**Таъмид** – Аз рӯи расму оини яҳудиҳо агар ягон шахси ғайрияҳуд мехост, ки шарики халқи яҳуд шуда, Худованди онҳоро парастиш кунад, вай бояд аз анъанаи таъмид мегузашт, яъне ба об даромада мебаромад ва ин рамзи он мешуд, ки ин шахс аз зиндагии гузаштааш даст кашида, ҳаёти навро ҳамчун аъзои халқи яҳуд сар кардааст. Дар Хушхабарҳо чанд намуди таъмид зикр шудааст: таъмиди обӣ – дар хизмати Яҳёи Таъмиддиҳанда бо об таъмид гирифтан рамзи тавба карда, аз гуноҳ даст кашидану ба Худо итоат намуданро дошт; таъмид бо Рӯҳи Муқаддас (ва бо оташ); таъмид бо азоби марговар, ки Исо пешгӯи карда гуфта буд, ки бояд худаш ва баъдтар пайравонаш низ аз он ранҷу азобҳо гузаранд.

**Фарисиён** – Яке аз ҳизбҳои динии яҳудиён, ки дар асоси таълимоташон на фақат Навиштаҷот, балки расму ривоятҳои иловакардаашон низ буданд.

**Хонаи Худо** – Биное дар болои теппаи шаҳри Ерусалим, ки маркази парастиш ва таълимоти динӣ буд. Хонаи Худо ҷойи муҳимтарин барои халқи Исроил ҳисоб мешуд.

**Шариатдон** – Донишманд ва устоди шариати Мӯсо аст.